***ТДУ 8 тоҷ 2***
***ТКБ 83***

# *ДОИР БА АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ҲАВЗАИ АДАБИИ САМАРҚАНД (АСРИ XYI)*

***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич,*** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиѐти классикии тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *О ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ В ЛИТЕРАТУРНОЙ СРЕДЕ САМАРКАНДА (XVI в.)*

***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич,*** *к.ф.н., доцент кафедры таджикской классической литературы ГОУ "ХГУ им. акад.Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

# *CONCERNED WITH TAJIK LITERATURE IN THE LITERARY CIRCLE OF SAMARKAND ( XVI-TH CENTURY)*

***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classical literature under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov "(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *komron74@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: суханварон, Самарқанд, адабиёти ҳунармандӣ, доираи адабӣ тазкира, Мутрибӣ, ёдошт, маълумот, асри XYI, аҳволу осор*

*Дар мақола оид ба саҳми назарраси аҳли илму адаб ва фарҳанги Самарқанд дар таърихи ташаккул ва пешрафти адабиёти тоҷики асри XVI сухан рафта, таъкид шудааст, ки ин сарзамин дар ҳамаи давраҳои таърихӣ илм ва фарҳанги ин шаҳр барои пешрафти улуму санъати олам ҳиссагузор будааст. Муаллиф дар бораи вазъи адабиёт дар ҳавзаи адабии Самарқанди асри XVI мулоҳизаронӣ намуда, мувофиқи навиштаҳои донишмандон монанди В.В. Бартолд, У.Э.Бертелс,У.Каримов, С.Саъдиев хулосабарорӣ кардааст. Инчунин ба маълумоти асари ёдоштии Восифӣ "Бадоеъ-ул-вақоеъ" ва тазкираи Мутрибии Самарқандӣ бештар такя намудааст.Тибқи ахбори овардаи муаллифи мақола дар нимаи аввали аҳди мазкур адабиёти ҳунармандӣ ва доираҳои шаҳрӣ бештар нуфуз дошта, адабиёти дарборӣ қариб ба чашм намерасид, аммо дар нимаи дуюми ин аҳд бо баробари мустаҳкам гаштани давлати Шайбониён сафи шоирони қасидасаро ва дарборӣ афзудааст.Муаллиф дар баробари овардани намунаи ашъори шоирони шинохта, (монанди Нозимии Миёнколӣ, Фигории Самарқандӣ, Амини Даҳбедӣ, Афзали Самарқандӣ, Содиқии Самарқандӣ, Боқии Самарқандӣ, Чошнии Самарқандӣ) инчунин аз эҷодиёти суханварони на он қадар машҳур, ки дар замони зиндагияшон соҳиби девон будаанд ва дар мавзӯъҳо ва жанрҳои гуногун эҷод намудаанд маълумоти муфид пешниҳод менамояд.*

***Ключевые слова:** литераторы, Самарканд, художественная литература, анталогия,, Мутриби, воспоминания, сведения, XYI век, жизнь и творчество*

*В статье рассматривается значительный вклад представителей науки, литературы и культуры Самарканда в историю становления и развития таджикской литературы в XVI веке. Отмечено, что этот город способствовал развитию науки и искусства во все исторические периоды, науки и культуры своего существовании. Автор размышляет о состоянии литературы в литературном круге Самарканда в XVI веке, опираясь на труды таких ученых, как В.В. Бартольд, Е.Э. Бертельс, У. Каримов, С. Садиев. Он также в значительной степени полагался на воспоминания Васифи "Бадое`-ул-вакое' "и антологии Мутриби Самарканди. По мнению автора, в первой половине этого периода литература ремесленных и городских кругов была более влиятельной, а придворная литература практически отсутствовала, но во второй половине этого периода, с усилением государства Шайбани, количество придворных поэтов, которые писали восхвалительные касиды увеличилось. Наряду с образцами стихов известных поэтов (таких как Нозими Миянколи, Фигори Самарканди, Амини Дахбеди, Афзали Самарканди, Содики Самарканди, Бокий Самарканди, Чошни Самарканд), автор упоминает и произведения менее известных поэтов, которые при жизни имели своих диван стихов, написанных на разные темы и жанры.*

***Key words:** writers, Samarkand, fiction, anthology, Mutribi, memories, information, the XVI-th century, life and work.*

*The article dwells on the significant contribution of representatives of science, literature and culture of Samarkand to the history of the formation and development of Tajik literature in the first and second half of the XVI-th century. It is noted that this city contributed to the development of science and art in all historical*

*periods, science and culture of its existence. The author reflects on the state of literature in the literary circle of Samarkand in the XVI-th century, relying on the works of such scholars as V.V. Bartold, E.E. Bertels, U. Karimov, S. Sadiev. He also relied heavily on Vasifi's memoirs "Badoe` ul-wakoe" and the anthology of Mutribi Samarkandi. According to the author, in the first half of this period, the literature of craft and urban circles was more influential, and court literature was practically absent, but in the second half of this period, with the strengthening of the Shaybani state, the number of court poets who wrote praising qasids increased. Along with samples of poems by famous poets (such as Nozimi Miyankoli, Figori Samarkandi, Amini Dakhbedi, Afzali Samarkandi, Sodiki Samarkandi, Bokiy Samarkandi, Choshni Samarkand), the author also mentions the works of lesser-known poets who, during their lifetime, had their own sofa of poems written in different themes and genres.*

Саҳми аҳли илму адаб ва фарҳанги шаҳри бостонии Самарқанд дар таърихи ташаккул ва пешрафти илму фарҳанги ҷаҳон назаррас мебошад. Чунки ин сарзамин яке аз шаҳрҳои куҳани ҷаҳон ба шумор рафта, дар ҳама давраҳои таърихи илм ва фарҳанги ин шаҳр барои пешрафти улуму санъати олам ҳиссагузор будааст, ки дар ин хусус донишмандони ғарб ва шарқ бисёр таъкид намудаанд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо садаи XYI дар Мовароуннаҳр ва Хуросон панҷ ҳавзаи адабӣ ба монанди Ҳирот, Машҳад, Балх, Бухоро ва Самарқанд фаъолият доштанд. Миёни ин марказҳои зикршуда доираи адабии Самарқанд бо афкори озодманишии худ мумтоз буд. Аммо мувофиқи мулоҳизаҳои донишмандон, Болдирев [5], А.Мирзоев [9], У. Каримов [8] гуё ҳаёти адабии Самарқанд аз рӯзгори Абусаид Мирзо ба таназзул дучор омада буд. Чунки пас аз қатли Улуғбек аҳли илму адаб бе ҳомӣ ва парастор монда буданд ва ин боиси он гашт, ки дар зарфи нимаи дуюми ҳамин давра дар тамоми Мовароуннаҳр ягон шоири барҷаста зуҳур накардааст.

Адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев андешаҳои А.Н.Болдиревро дар ин хусус ҷамъбаст намуда, воқеан дуруст менависад, ки ҳаёти адабии Мовароуннаҳр дар ин давра хеле заиф гашта буд[9,с.34-35].

А.Н.Болдирев мувофиқи маълумоти тарҷумаи якуми "Маҷолис-ун- нафоис" бобати ин масъала таъкид мекунад, ки дар Мовароуннаҳри ин марҳилаи таърихӣ қариб 50 нафар шуаро зиста бошанд, ҳам аммо дар миёни онҳо ягон шоири касбӣ(ҳирфаӣ-М.М.) фаъолият надошт ва аксари ин адибон эҷодиёти худро ба суди дарбор анҷом намудаанд[5, с.33].

Ба ақидаи Мирзоев сабаби ба миён омадани ин ҳолат "асосан намояндагони миёнаи шаҳр ва ҳунармандон будани ин адибон аст" [9,с.44-45]. Ин мулоҳизаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки пешаи суханварӣ дар маркази адабии Самарқанд бо сабаби қадрношиносии ҳокимони давр асосан берун аз дарбор дар доираҳои ҳунармандони шаҳр ҷараён доштааст. Ин ҳолати адабӣ тақрибан то миёнаҳои асри XYI идома дошт, зеро ҳукуматдорони Самарқанд аз ҷумла Пӯлод Султон ва Абӯсаид Султон монанди падари худ Кучкунҷихон аз илму фазилат дуруст бохабар набудаанд. Ва аз пуштибониву сарпарастии аҳли адаб дурӣ меҷустанд. Аз ин ҷост, ки аҳли адаби Самарқанд асосан берун аз дарбори ҳукуматдорони шайбонӣ дар дуконҳои санъатгарон, раста ва бозорҳо, хонаҳои аҳли фазлу адаб ва масҷиду мадрасаҳои шаҳр ҷамъ омада, бо якдигар баҳсу мунозираҳо ва мусобиқаҳои адабӣ барпо менамуданд[8, с.51].

Муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихии даврони мазкур аз шумори ин адибон чор нафар Ориф, Ҳалвоӣ, Замонӣ ва Ховариро ҳамчун шоирони соҳибдевон қаламдод намудаанд. Аммо аз адибони зикршуда то кунун ба ҷуз абёти парешон то замони мо боқӣ мондани ягон девоне маълум нашудааст. Шояд осори эшон пайи ҳаводиси таърихии асрҳои гуногун ба коми фано рафта бошанд.

Бар асоси шаҳодати баъзе аз сарчашмаҳои адабиву таърихии аҳди мазкур аз шумораи адибони ин доираи адабӣ шоирон Нодир, Фуруғӣ, Фозилӣ, Ҳалвоӣ, Руҳӣ ва шаш нафари дигар намояндаи аҳли санъат ва ҳирфат будаанд. Вале омӯзиши комили вазъи адабиву фарҳангии даврони ёдшуда нишон медиҳанд, ки дар ин маркази адабӣ шумораи адибони аҳли ҳирфат бояд зиёдтар бошанд.

Дар ҳаёти адабии ин давра низ ба мисли адибони Хуросону Бухоро саҳми шоирон як хел нест. Дар бораи мақоми адабӣ ва вежагиҳои осори адибони ин ҳавза муаллифони тазкираҳо қайду ишороти мухтасаре кардаанд. Чунончӣ Фахрии Ҳиротӣ дар бораи Мавлоно Васфӣ менависад, ки "Ӯ аз шуарои ошиқпешагони Самарқанд буд [8,с.56]. Ҳакимшоҳи Қазвинӣ дар бораи Мавлоно Бақоӣ мефармояд: "Шоирест дар Самарқанд ҷомеулфазоил ва камолоти илме буда, мусиқиро касе мисли ӯ намедонад[8,с.57].

Инчунин муаллифи мазкур дар хусуси шоири дигар бо исми Аминӣ меорад, ки “Ӯ марди фақиру мискинсифат аст, ба тарзи қасида камтар шеър гуфта, доим ғазал мегуфт, ин матлаъ аз ӯст:

***Эй дил нишони новаки он дилрабо шудӣ,***
***Дар ошиқи нишонаи тиру бало шудӣ*** ” *[8, с.60].*

Ба эътибори ин маълумот мо метавонем дар хусуси саҳми онҳо дар ҳаёти адабӣ ва мартабаи илмии ин шоирон тасаввуроте ҳосил намоем. Дар баъзе мавридҳо аз маълумоти сарчашмаҳо оид ба мартабаи илмии чанд тан аз шоирон тасаввуроти нисбатан рушантар низ пайдо мешавад. Аз ҷумла Амин Аҳмади Розӣ дар “Ҳафт иқлим” дар бораи Мавлоно Абулхайри Самарқандӣ меорад, ки “Дар анвои фазоил насиби комил дошт, хусусан дар ҳикмат Арастуи аввал ва дар тиб Абӯалии сонӣ буда... ашъораш байналҷамхур машхур аст” [1,с.156].

Аз ин маълумот дар илмҳои ҳикмату тиб ва шеър мақоми баланди Мавлоно Абулхайр рушан аст.

Дар ибтидои асри XYI дар эрони сафавӣ таассуботи динӣ ва мазҳабӣ бисёр қувват мегирад. Шоҳони сафавӣ Исмоил ва Таҳмосп мазҳаби шиаро дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор дода, адабиёти озодманишу ғайришиаро ба озору шиканҷаҳо дучор мекардаанд. Аз вазъи ногувори ба амал омада, бисёр адибону аҳли фазл ночор ҷилои ватан намуда, ба кишварҳои Мовароуннаҳр, Ҳинд ва Сурия ҳиҷрат менамоянд, ки дар ин хусус бисёр мусташриқони арабу донишмандони Шарқ навиштаанд. Бобати масоили мазкур ба як сарчашмаи муътамади ҳам адабиву ҳам таърихӣ рӯ меоварем. Восифӣ дар “Бадоеъ- ул- вақоеъ” аз аҳволи бисёр вазнину тоқатнопазири аҳли фазлу адаб сухан ронда, мефармояд, ки “Бо касрати хунрезии қизилбошон ҳар касе худро аз он вартаи ҳалоку ҳалқаи хатарнок берун меандохт.Дар он авқот аз иттифоқ ҳиссае ки қариб ба панҷсад кас аз вилояти Хуросон азимати мулки Мовароуннаҳр кардаанд” [12,с.3-6,17-23]. Дар байни ин **“азиматгарони мулки Мовароуннахр”** [12], ки дар санаи 518 ҳ. иттифоқ афтода буд, ба ҷуз Зайниддини Восифӣ, Қосималии Қонунӣ, Сайидаҳмади Ғиҷҷакӣ, Муҷибалии Балбонӣ, Ҳусайнкучаки Нойӣ, Мири Хонанда, Мақсудалии Раққос ва монанди инҳо буданд. Аксари ин аҳли фазл ва ҳунар тамоми умр дигар ба Хуросон барнагаштанд.

Чунон ки ба мушоҳида мерасад дар маркази адабии Самарқанд ба ҷуз аҳли фазлу камоли худи ин шаҳр ба монанди доираи адабии Бухоро, намояндагони мактаби адабии Ҳирот низ ба таври фаъол ширкат доштанд[6,с.67,84].Ба ҷуз ин гуфтаҳои боло мувофиқи маълумоти Нисорӣ ва Восифӣ дар ин маркази адабӣ Девонаи Нишопурӣ, Мӯбади Меҳна, Нури Нишопурӣ, Фатуллоҳи Ҳиротӣ, Хоҷагии Табрезӣ, Муҳсини Шервонӣ, Рӯзбаҳони Исфаҳонӣ ва чанд нафари дигар саҳмгузор будаанд[6,с.67].

Аҳволи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии бисёре аз ин адибон дар Самарқанд чандон бад набуд. Чунки зумраи зиёди онҳо бино ба андешаи олими шинохта А. Болдирев дар муборизаҳои этнологӣ байни темуриён ва шайбониён иштироки бевосита надоштанд[5,с.115].

Аз шумори намояндагони барҷастаи мактаби адабии Ҳирот Девонаи Нишопурӣ мебошад, ки дар муҳити адабии Самарқанд яке **“аз шоирони муътабар ва хуштабъони муқаррар”**[12] ҳисоб меёфт. Нисорӣ абёти ин шоирро зебо ва ашъорашро ғарро дониста, дар исботи фикраш як ғазали аз ҷиҳати услубу эҷод ба дараҷаи донишу доираи тафаккур ва муҳокимаи бадеи аҳли шаҳр мувофиқи ӯро щамчун мисол меорад:

***Эй зи хатти анбарафшонат муаттар маҷмара,***
***Ҳасрати чашми ту дорад дар хито оҳубара.***
***Ҳар сиришкеро, ки хуноби ҷигар ҳамроҳ нест,***
***Пеши саррофи хирад сим аст, аммо носара.***
***Бар сари роҳи хаёлат хонаҳои дидаро,***
***Мекунам ободу месозам зи мижгон панҷара.***
***То абад бар оташи ишқи ту хоҳад сухтан,***
***Аз ҷигарҳо (ъ)уду аз дилҳои пурхун маҷмара.***
***Аз либоси даҳр чун Девона бо шоле бисоз,***
***Гар ҳавои соф дорӣ, дил бинеҳ бар чанбара*** *[12,с.18-22].*

Ин ғазал аз ҷиҳати офаридани тасвирҳо(образ М.М.) ва услуби бадеӣ мутобиқ ба завқ ва диди зебоишиносии табақаи поёнии иҷтимоӣ ва шаҳрӣ аст. Шоир ба ашёи атроф аз дидгоҳи табақаи поён нигариста, тафсили ҷузъиёти онҳоро мувофиқи завқи зиндагӣ ва доираи андешаи ҳамин гуруҳ ба қалам додааст. Дар натиҷа ӯ образҳои ҷолиби бисёре ба монанди **“сарофи**

**хирад", "сими носара", "хонаи обод", "панҷараи мижгон"**- ро ба сурати шево офаридааст. Ин ғазал намунае аз эҷодиёти суханварони доираҳои адабиёти шаҳрӣ ба шумор меравад.

Бино ба ишораи тазкиранигорон намунаҳои дигари ин гуна ғазалҳо бештар дар осори Мубади Меҳна ва Ҳумоюни Самарқандӣ ба чашм мерасад [6, с.69].

Ин аснод бори дигар шаҳодат медиҳад, ки дар ин ҳавзаи адабӣ ба ҷуз шуарои таҳҷойӣ(маҳаллӣ-М.М.), саҳми намояндагони мактаби адабии Ҳирот низ назаррас буда, ин гуруҳи адибон дар ривоҷи адабиёти шаҳрӣ ва доираҳои ҳунармандии Самарқанд фаъол будаанд.

Дар нишон додани вижагиҳои доираи адабии Самарқанди ащди мазкур маълумоти Восифӣ бисёр ҷолибу арзишманд мебошад. Вай яке аз намояндагони маъруфи ҳавзаи адабии Хуросон аст, ки зиёда аз 40 соли умраш дар Самарқанду Шоҳрухия ҷараён дошт. Маълум аст, ки ибтидои фаъолияти адабии Восифӣ дар Мовароуннаҳр аз Самарқанд сар шудааст. Ӯ дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ" таъкид мекунад, ки Хоҷа Юсуфи Маломатӣ(вазири Кучкунҷӣ) аҳли фазлу адаби шаҳр аз ҷумла Мавлоно Фатилӣ, Мавлоно Муҳаммади Парғолӣ, Мавлоно Муҳсини Шервонӣ ва худи Восифиро ба хонааш талабида, бадеҳа ва шеърхонӣ ва баҳсу мунозираҳои адабӣ барпо мекард. Дар яке аз маҷлисҳо Тунӣ ном шоире низ шеър мегӯяд, ки вазни арузро хуб намедонист ва қофияи шеъраш хароб буд. Восифӣ дар ҷавоби ин шоир ба нуқси шеъри вай ишора кардааст. Аммо Юсуфи Маломатӣ аз ин амали Восифӣ ранҷида, ба ӯ сахт мешурад. Восифӣ дар ҷавоби ин "фазилати" вазир ба ҷиҳати ӯ қасидае мегӯяд, ки "ба зоҳир муштамили мадҳ, ба ғояти латофату ба ҳасби ҳаҷве буд дар ниҳояти рикокат" Қасида дар маҷлиси шуъаро хонда мешавад, ки матлаъаш ин аст:

***Ҳаст дар силсилаи хоқонӣ,***
***Муҳрдоре, ки надорад сонӣ** [6,с.84,100].*

Устод Айнӣ дар асари "Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ" аз ин қасида шаш байт оварда, қайд мекунанд, ки аз калимаи "муҳр" ҳарфи дуюм(ҳ дар хатти форсӣ-М.М.) гирифта шавад, онгоҳ ин вожа ба "мурдор" табдил меёбад.

Юсуфи Маломатӣ аз тарси он ки ин ҳаҷвия боз хам шуҳрати зиёд касб накунад аз Восифӣ узр мехохад. Аз ин маҷлиси адабӣ маълум мешавад, ки баъзе ҳокимони шайбонӣ аз руи расмият (зоҳирпарстӣ-М.М.), нияти ба атрофи худ гирд овардани аҳли адабро дошта бошанд ҳам, ба сабаби камсаводӣ, аҳли фазлу камол ва шеъро аз даъвогарони оддии он фарқ карда наметавонистаанд. Мисоли ин муносибати вазири Кучкунҷӣ ба шеъри Тунӣ ва Восифи аст. Ҳатто ин вазир маънои қасидаро нафаҳмидааст ва танҳо баъди маънидод намудани уламо ба маънои сарфаҳм рафтааст.

Барои омӯхтани махсусиятҳои адабиёти доираҳои шаҳрӣ ва ҳунармандии нимаи аввали асри XYI дар Самарканд нақши ҷамъомадҳои адабӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла маҳфилҳои ҳавлии Хоҷа Амиршоҳ, ки суханварони доираи адабии Самарқандро сарҷамъ менамуд. Дар ин маҳофил қариб ҳамаи табақоти иҷтимоии шаҳр иштирок менамудаанд. Дар яке аз онҳо ба қавли Восифӣ ба ҷуз акобиру аъён, аҳолӣ ва авом низ "ба расми меҳмони муҷтамаъ будан ва гуфтугӯи иншо ва муъамо дар миён афтода буд.

Бино ба навиштаҳои Восифӣ дар ин маҷлиси адабӣ ба тариқи имтиҳон аз вай ҳабдаҳ намояндаи касбу ҳунар ба монанди Мавлоно Саиди Қарокулӣ, Мавлоно Сайдулоҳи Соғарчӣ ва Мавлоно Муҳаммади Обгинагар мувофиқи эҳтиёҷи зиднагии худ бо навбат хоҳиш мекунанд, ки бар эшон аризаҳо иншо намоянд. Ӯ барои инхо аризаҳои аз ҷиҳати шаклу мазмун тозаро иншо мекунад[12.с.74]. Ин арздоштҳо ба унвони Хоҷа Хабиби Девон, Пулоди Шишагар, Ҳусейни Мисгар, Камоли Мехчагар, Рухии Танбурӣ, Ҳасани Шамоғ, Муҳаммади Базоз, Исмоили Деҳкон ва Абдулазизи Боғбон барин соҳибони ҳунар навишта шудаанд. Чунончӣ Восифӣ аз вазъу аҳволи Саиди Қарокулӣ ба ҷихати Хоҷа Хабиби Девон менависад, ки: "ин ғарибу муфлисро аз сафеду сиёҳ ҷуз сафедӣ ва сиёҳӣ дида ваҷхи дигаре дар назар нест. Ва монанди ашк ӯро дар назари мардум ҷуз обуруе бар хок рехтан ҳеҷ ҳунаре не. Дар ватан ба хароҷӣ, ки мерафтам, карзхоҳ монанди сояи сар дар паи ман ниҳода ва дар куҷо менишастам чун бахти сиёҳ пеши ман ситода ба ҳукми заруият худро дар курбати ғариб андохтаам" [12, с.78-91].

Аз ин навиштаҳо бармеояд, ки Саиди Қарокулӣ дар камоли қашоқӣ умр ба сар бурда аз дасти қарзхоҳон ҷилои ватан карда, ба Самарқанд омада аст. Сипас дар ин ҷамомат иқтидори фузало дар кушодани нуктахои муамо санҷида шудааст[12,с.94-96].

Ҳамин тариқ бо назардошти овардани далелу бурҳонҳо тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихиву адабии аҳди мазкур, ки дар мавриди ҳаёти адабии нимаи аввали асри XYI-и ҳавзаи Самарқанд баён гардиданд, метавон ба натиҷаҳои зерин расид:

1. Дар ҳавзаи адабии Самарқанд то солҳои 40-уми асри XYI-и мелодӣ адабиёти дарборӣ вуҷуд надошт ва барои ташаккули чунин адабиёт шароити иҷтимоиву сиёсӣ мавҷуд набуд.

2. Бо ҳамин сабаб ин дар ҳавзаи адабии Самрқанди ҳамин давра адабиёти доираҳои шаҳрӣ ва ҳунармандӣ қувват гирифт, ки намояндагони шинохтаи он Зайнидин Восифӣ, Девонаи Нишопурӣ, Нодири Самарқандӣ, Ҳалвои Самарқандӣ, Орифи Самарқандӣ ва Фурӯғи Самарқандӣ буданд.

3. Ҳарчанд дар ин марҳила шуҳрати адабиёти доираҳои шаҳрӣ ва ҳунармандии Самарқанд чандон баланд набуд, вале ин адабиёт аз ҷиҳати мундариҷа ва ғоя, арзиши бузурги адабӣ ва зебошиносиро доро буда, дар муқобили адабиёти соф дарборӣ шакл гирифтааст. Дар ин адабиёт тарзи ҳаёти ҳунармандии шаҳр ва савдогарони хурду калони он бо ибороту истилоҳоту сувари хаёли хосаи ҳамин табақа ифода ёфтаанд.

Бинобар хулосаҳои болоӣ метавон гуфт, ки адабиёти доираҳои шаҳрӣ ва ҳунармандӣ бо назардошти орӣ набудан аз норасоиву нуқсонҳо барои омӯзиши адабиёти давраи зикршуда ҳамчун ганҷинаи пурқимате маҳсуб мешавад.

Барои қиёси вазъи адабиёт дар доираи адабии Самарқанд мувофиқи ахбори сарчашмаҳои муътамад ва осори гаронмояи суханварони аҳд мо назаре ба нимаи дуюми асри XYI меандозем ва мебинем, ки назари олимони муҳақиқон ва тазкиранигорону таърихнависон дар ин бобат чӣ гуна мебошад.

Давлати Шайбониён дар миёнаҳои асри XYI бештар устувор гардид ва сарварони он таҷрибаи идора кардани давлатро зиётар аз худ намуданд. Бахусус пас аз он ки Абдулохони Шайбонӣ сари қудрат омад, ҳукумати сиёсӣ бештар марказонида шуд ва сарварони он дар сиёсат моҳияти илму адабу фарҳангро зиётар дарк намуданд[7,с.549-559].

Дар бобати вазъи аҳволи шоирон ва осори эшон тазкиранигори ин аҳд Мутрибии Самарқандӣ ахбори дақиқ додааст[10]. Тибқи нигоштаҳои ин тазкиранигор Вазири Самарқандӣ маснавии "Бону ва Аҳдоӣ", Завқии Миёнколӣ маснавии "Нозу ниёз", Содиқи Самарқандӣ тазкираи "Риёз-уш-шуаро" Қозии Зоминӣ рисолае дар бораи илми бадеъ таҳти унвони "Дурар-ул-баҳр" ва Давоии Самарқандӣ дар илми тиб рисолае бо номи "Фавоиди Ҳошимия"-ро таълиф намудаанд[10, с.вв.46а,128б].

Лозим ба таъкид аст, ки сарнавишти аксари ин осор, ки зикрашон намудем акнун чандон маълум нест, зеро дар сарчашмаҳои баъдӣ аз онҳо ишорае нашудааст.

Як аз махсусиятҳои ҳавзаи адабии Самарқанди ин марҳила дар он зоҳир мешавад, ки назар ба ниммаи аввали асри XYI салотин ва амалдорон дар нимаи дуюми ин аҳд бештар бо илму адаб ва шеъру шоирӣ шуғл варзидаанд, ки ин ҳолат дар мундариҷаи ғоявии адабиёт нақши худро гузоштааст. Адабиёти ин доираи адабӣ назар ба нимаи аввали асри XYI бештар ба таҳти назорати ҳукуматдорон гузашт. Ин вазъи адабӣ тақозо намуд, ки шуарои амалдори шайбонӣ ба монанди Аминии Самарқандӣ, Дарвеши Самарқандӣ, Қазоии Зоминӣ, Нозими Миёнколӣ дар канори шаклҳои дигари назм, ба гуфтани қасида низ машғул шуда, ҳукмрони замону хоқони асру умарои болонишинро мадҳу ситоиш кунанд. Ба ин восита дар осори адабиёти ин ҳавза жанри қасида андаке рӯ ба пешравӣ овард. Чунончӣ Мутрибӣ дар фасли Афзали Самарқандӣ мефармояд, ки " Ин шоир дар мадҳи салотин ва хавоқин қасоиди ғарро дорад ва аз умаро ва салотин ҷавоизу силоти неку меёфта" [10]. Муаллифи тазкираи мазкур дар бораи Қазоӣ менависад, ки ӯ "қасоиди маснуъи мушкила бисёр гуфтааст" [10, с.вв.180б].

Якчанд суханварони ин давра дар қасидаҳои худ Абдуллохони Шайбониро бо муболиғаҳо ҳамчун мазҳари илму фазилат ва шоҳи одил ситоиш намудаанд. Чунончӣ Аминӣ дар васфи ин хоқон мегӯяд:

***Ситоралашкару хуршедфар ва кайвонқадр ,***
***Зуҳалмаҳалу аторудиёну меҳрато.***
***Сикандароинаву исодам ва калимкалом,***
***Халилхулқу сулаймоншиква ва хизрлиқо.***
***Сари сарони салотини даҳр Абдулло,***
***Ки чархи пир пайи пойбуси ӯст дуто.***

Дар баробари ин, шоир дар қисмати талаби қасида аз аҳволи ногувори худ Абдуллохонро ба ин тарз огоҳ намудааст:

***Зи сабр (сир) анҷуму аз ҷаври чархи каҷрафтор,***
***Насиби ман ҳама ранҷ аст ва меҳнату азо (анор).***
***Гуноҳам ин ки шудам пойбаста ҳамчу забон,***
***Нагашта чун сухани хештан ҷаҳонпаймо.***

Дар байни ин адибон сухансароёне буданд ки ба ҷуз мадҳи салотин ва шикваи давлати онҳо бештар ба гуфтани касидаҳои фалсафӣ ва ахлоқӣ, ҳасби ҳолӣ ва фахрия майл дошта ба ин восита манзалату мартабаи аҳли хирад, фазлу адаб ва қудрати руҳиву маънави инсониро ситоиш мекарданд. Ба монанди он ки Мутрибӣ дар бораи аҳволу ашъори яке аз чунин адибон Нозими Миёнколӣ менависад, ки “ашъори дурарбораш зебу зиннати гӯшу гардани аруси рӯзгор гардида. Вуҷуду вуфури қавофили равоҳиди оёти дурарнисораш ба атрофу акнофи олам рафта, нақли ҳар маҳфилу фахри ҳар маҷлис гашта. Ба ҷинси улум муносибаташ дар ниҳояти кувват аст... Махсусоти ӯ дар фанни шоирӣ он аст, ки тадвини девони касоӣ ва тартиби ҳуруфи тадвин намуда, муштамил бар 7000 байт[10;вв.160б].

Баъд аз ин муаллифи тазкира аз мероси Миёнколӣ як ғазал, як рубоӣ ва як қасидаи фахрияро дар 43 байт меорад ки чанд байти он ин аст:

***Теғи мехр аз қуввати андеша натвонад сутурд,***
***Дар баёни нуктасанҷӣ хомаи имлои ман.***
***Гардад аз бефитратӣ муншӣ донишмунфаъил,***
***Гоҳ таҳрири нахустин нукта аст иншои ман.***
***Дод таълими ҳунар бо Буалӣ габрони фазл,***
***Тифли ақли нуктапардозӣ суханорои ман...*** *[10, с.вв.182б].*

Дар чанд абёти баъдии ин қасидаи фахрия аҳволи иҷтимоӣ, манъанавӣ ва руҳияи умумии шоирони қасидасарои ин ҳавзаи адабӣ ифода ёфтаанд. Шоир аз муҳити хурду ношиносаш шикваҳои пуралам дорад, зеро вай **“бо вуҷуди ин хама фазлу ҳунарҳояш”** дар зиндагӣ хору залил аст. Мулоҳизаҳо ва навиштаҳои Мутрибӣ бобати аҳвол ва мазмуни қасидаҳои Муродии Самарқандӣ низ тақрибан бо ҳамин мазмун мебошад[10,с.вв.39в.138.].

Аз натиҷагирии ин гуфтаҳо хулосае ба миён меояд, ки ҳарчанд дар ин доираи адабӣ шоирони барҷастаи қасидасаро ба майдон омада, жанри қасида рӯ ба ривоҷ овард, аммо аҳволи маишӣ ва маънавӣ, вазъи эҷодии ин адибон хуб набуд ва онҳоро ҳокимони шайбонӣ ба дурусти пуштибониву парасторӣ намекарданд. Далели ин мулоҳизаҳо шикоятҳои шоироне чун Аминӣ **(навиди ман ҳама ранҷ асту...)** ва Миёнколӣ **(талхкомам ончунон аз захри нокомии табъ...)** мебошад.

Дар ин ҳавзаи адабӣ, бо вуҷуди ин ҳама қасидасароӣ ва рӯ овардам ба назми дарборӣ суннатҳои адабиёти доираҳои шаҳрӣ ва ҳунармандӣ макоми назаррас дошт. Дар тазкираи Мутрибӣ аз аҳволу ашъори 40 нафар адиби аҳли ҳирфат ва санъат, ба монанди Бедили Самаркандӣ, Юсуфи Самарқандӣ, Мардуми Самарқандӣ, Фаршии Самарқандӣ, Ховари Самарқандӣ ва чанд нафари дигар сухан рафтааст. Шояд шумораи ин шоирон якҷоя бо шоирони савдогарони майда (хурд) ва амалдорону мударрисони мадрасаҳо аз он ҳам афзунтар бошанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки нуфузи онҳо натанҳо дар ҳаёти иҷтимоии аҳли ҳирфату санъати шаҳр калон аст, балки дар офаридани неъматҳои маънавӣ низ саҳми арзанда доранд.

Суханварони мазкур дар арсаи адабиёт низ осори ҷолибе офарида, зиндагонии ҳамарӯзаи ҳунармандони шаҳрҳоро дар образҳои хосаи рӯзгори хеш таҷасум намудаанд. Чунончӣ Мутрибӣ дар бораи Лавҳии Яғнобӣ фармудааст ки ин шоир: “Аз ҳазораи Яғноб(водии Фон-М.М.) аст. Дар бозори Самарқанд ангурфурӯшӣ мекунад ва худро дар водии шоири шогирди Мулло Ҷандавӣ медонад ва ин ғазалро пеши ман хонд”. Аз ин ғазал мо танҳо як байтро дарҷ мекунем:

***Дирӯз рафта бар сари бозори ошиқӣ,***
***Аз дил матои тафриқа нафрӯхтан чӣ суд*** *[10, с.вв.131а].*

Дар инҷо ибороти **“сари бозор”, “матоъи тафирқа”, каилмаҳои “суд, “фурухтан**”-ро шоире дар шеъри худ корбаст кардааст, ки дар бозори Самарқанд шуғли ангурфурӯшӣ доштааст.

Мутрибӣ дар фасли Бедили Самарқандӣ таъқид кардааст ки: “Ӯ аз водии шамшергарӣ соҳиби вуқуф менамуд ва дар гуфтани ҳаҷв забонаш аҷоиб тез буд ва абёти обдор аз ӯ ба вуқуъ меомаданд. Ашъори покизаи хуб низ дорад[10,с.вв.64а].

Ҳамин тариқ аз таҳлили мухтасари ахбори тазкираи Мутрибии Самарқандӣ ва нигоштаҳои донишмандону адабиётшиносон дар мавриди доираи адабии Самарқанди нимаи дуюми асри XYI ба хулосаҳои зерин омада метавонем:

1. Дар нимаи дуюми садаи XYI ҳарчанд вобаста ба марказият ёфтан ва устувор шудани давлати шайбонӣ аҳли фазл ва адаб, махсусан шуарои қасидасаро аз тарафи ҳукуматдорон баъзе меҳрубониҳо ва пуштибониҳо дида бошанд ҳам, аммо аҳволи иқтисодӣ ва маишиву маънавии онҳо чандон хуб набуд. Бад ин сабаб онҳо бештар ба гуфтани қасидаҳои фалсафӣ, фахриву ҳасбиҳолӣ руй оварда буданд ва тавассути ҳамин қасидаҳо аз аҳволи иҷтимоиву маънавии хеш ҳокимони замонро огоҳ намудаанд.
2. Дар ин давраи мавриди назар низ адабиёти доираҳои шаҳриву ҳунармандӣ дар доираи адабии Самарқанд пурқуват буда, ҳам аз ҷиҳати шумораи адибон, ҳам аз назари ҳаҷми осор ва ҳам аз лиҳози муҳтаво ва паҳлуҳои ғоявии (ормонӣ-М.М.) худ бисёр ҷолибанд.
3. Хуб мешуд муҳаққиқону адабиётшиносон барои омӯзиши ҳаматарафаи мероси адабӣ ва нашри осори суханварони маъруфи ин ҳавза ба Нозимии Миёнколӣ, Фигории Самарқандӣ, Амини Даҳбедӣ, Афзали Самарқандӣ, Содиқии Самарқандӣ, Боқии Самарқандӣ, Чошнии Самарқандӣ камари ҳиммат банданд, зеро ин адибон натанҳо шоирони соҳибдевони замони худанд, балки бо муҳтаво ва ғояву паҳлуҳои бадеии осори худ низ дар ошкор сохтани вижагиҳои умдаи адабиёти асри XYI саҳми бузурги илми ва адабӣ гузоштаанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Амин, Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Ба тасҳеҳи Ҷаводи Фозил/А.А.Розӣ.-Теҳрон ҷ.3, -476 с. (дар се муҷаллад).
2. Бартольд, В.В. Улугбек и его время 11 соч. -М: Наука, 1964.-Т2, ч.2. - С.С. 25-178, 130-131.
3. Бертельс,Е.Э. Литература на персидском языке в Средней Азии/Е.Э.Бертельс.-М: изд-во АН.СССР, 1948. -202 с.
4. Болдырев, А.Н. Зайниддин Восифи-таджикский писатель XVI в./А.Н.Болдырев.-Сталинабад: 1957. -354с.
5. Болдырев, А.Н. Тазкира Хасана Нисори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVIв./А.Н.Болдырев//ТОВГЭ. Т.III - Л.: Госэрмитаж, 1940 -С.291-300
6. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: иборат аз ду китоб. Китоби 2: Охирҳои асри миёна ва давраи нав/ Б.Ғ.Ғафуров.-Душанбе: Ирфон, 1985.-416 с.
7. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI/У.Каримов.- Душанбе: Дониш, 1985.-228 с.
8. Мирзоев, А. Биноӣ/А.Мирзоев. -Сталинобод: 1957. - 489 с
9. Муҳаммад, Мутрибии Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро, нусхаи шумораи № 2253. Тошканд в.в 46а, 128б
10. Навоӣ, Мирнизомиддин Алишер. Маҷолис-ун-нафоис/М.А.Навоӣ.-Теҳрон, 1323 (1940) -С. 122-123.
11. Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. Бадоеъ-ул-вақоеъ/З.М.Восифӣ. -Душанбе: Адиб, 2019.-480 с.- чопи дуюм


**REFERENCES:**


1. Amin, Ahmad Rozi. Seven Climates. Under the editorship of Javad Fozil, - Tehran, - V.3., - 476 p. (in three volumes).
2. Barthold, W.W. Ulugbek and his Time. 11 composition. – M.: Science, 1964.- V2, h.2. - P.25-178, 130-131.
4. Bertels, Ye.Ye. Literature in Persian in Central Asia. – M.: Publishing-House of the SSSR AS, 1948. -202 p.
5. Boldyrev, A.N. Zayniddin Vosifi-Tajik Writer Who Lived in the XVI-th Century. - Stalinabad: 1957. – 354 p.
6. Boldyrev, A.N. Tazkira Hasan Nisori as a New Source for the Study of Cultural Life in Central Asia Referring to the XVI-th Century. // TOVGE. -V.III - L.: Gosermitazh, 1940. - P. 291 – 300.
7. Gafurov, B.G. Tajiks: in two books. - Book 2. Late Middle Ages and New Age. - Dushanbe: Cognition, 1985. - 416 p.
8. Karimov, U. Tajik Literature of the XVI-th Century. - Dushanbe: Knowledge, 1985. - 228 p.
9. Mirzoev, A. Visually. - Stalinobod: 1957. - 489 p
10. Muhammad, Mutribi, Samarkandi. Tazkirat-ush-shuaro, copy number № 2253. Tashkent v.v 46a, 128 b
11. Navoi, Mirnizomiddin Alisher. Majlis-un-nafois, government edition. - Tehran 1323 (1940). - P. 122 - 123.
12. Wasifi, Zayniddin Mahmud. Badoe'-ul-waqo'e. - Dushanbe: Man-of-Letters, The second edition 2019. - 480 p.